| | |
|---|---|
| БОНКИ ЭСХАТА | **“Тасдиқ шудааст”**<br>аз тарафи Шӯрои нозирони<br>ҶСК «Бонки Эсхата»<br>Пайнавишти<br>№08/2024 аз 30.04.2024 |

# СИЁСАТ С-002:2024

оид ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом дар ҶСК “Бонки Эсхата”

(Таҳрири 08)

Мавриди амал аз 06.05.2024

# МУНДАРИҶА

**Боби 1. Муқаррароти умумӣ ........................................................................ 3**

**Боби 2. Истилоҳ ва ихтисораҳои асосӣ ....................................................... 3**

**Боби 3. Мақсад ва вазифаҳои Сиёсат дар самти МҚД/МТ/МПСҚО...... 6**

**Боби 4. Ташкили назорати дохилӣ барои мақсадҳои МҚД/МТ/МПСҚО ........................................................................ 7**

**Боби 5. Маҳдудиятҳо вобаста ба масъалаи МҚД/МТ/МПСҚО............. 15**

**Боби 6. Масъулият ........................................................................ 17**

**Боби 7. Муқаррароти хотимавӣ ........................................................................ 18**

## Боби 1. Муқаррароти умумӣ

1.1 Сиёсати мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом" (минбаъд - Қонун), дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботҳое, ки дар ин самт аз ҷониби чунин ташкилотҳои ба таври умум эътирофшуда, ба монанди Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (ОЭСР), Гурӯҳи тадбирҳои молиявӣ оид ба мубориза бар зидди қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда (FATF), Кумитаи Базелӣ оид ба назорати бонкӣ, инчунин бо назардошти тавсияҳо, талаботҳо ва таҷрибаҳои ташкилотҳои молиявии пешбари байналмилалӣ таҳия шудааст.

1.2 Сиёсат ба ҳамаи воҳидҳои сохтории Бонк ва филиалҳои он паҳн шудааст. Бонк талаботҳои Сиёсати мазкурро нисбат ба саҳомон, муштариён, контрагентҳо, инчунин шахсоне, ки дар лоиҳаҳои муштарак бо ҶСК "Бонки Эсхата" ҷалб карда шудаанд (яъне барои пудратчиён, мушовирон, таъминкунандагон ва ғ.) татбиқ менамояд.

1.3 Риояи талаботи Сиёсати мазкур ба ҳамаи кормандон, муштариён, шарикон, контрагентҳои Бонк, инчунин дигар шахсони дар лоиҳаҳои муштарак бо Бонк ҷалбшуда, ки бо маблағҳо ва дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд, татбиқ карда мешавад.

1.4 Муқаррарот ва принсипҳои дар Сиёсати мазкур тасдиқшуда, дар таҳияи санадҳои меъёрии дохилии Бонк, ки равандҳои муайянкунии муносибатҳои корӣ ва ҳамкорӣ бо муштариён, бонкҳои муросилотӣ ва шарикони Бонкро ба танзим медароранд, асосӣ мебошанд.

1.5 Департаменти комплаенс - хавф сохтори масъулест, ки татбиқи дурусти Сиёсати мазкурро дар Бонк таъмин менамояд.

## Боби 2. Истилоҳҳо ва ихтисораҳои асосӣ

**Бонк** – ҶСК «Бонки Эсхата»;

**Бонки ниҳонӣ -** бонке, ки дар кишвари бақайдгирифта воқеан вуҷуд надорад, соҳиби иҷозатнома аст ва бо ягон гурӯҳи молиявии танзимшаванда, ки бояд таҳти назорати муштарак қарор гирад, муттаҳид нашудааст;

**Молик-бенефитсиар/манфиатгар** - шахс (шахсон)-и воқеие, ки бевосита ё бавосита (тавассути шахсони сеюм, аз ҷумла тавассути силсилаи соҳибият) соҳиби ҳуқуқи моликият (соҳиби иштироки афзалиятнок дар сармояи муштарӣ) мебошад (мебошанд) ё муштариро воқеан назорат мекунад (мекунанд), ё шахси воқеие, ки аз ном ё ба манфиати ӯ амалиёт (аҳд) анҷом дода мешавад, инчунин шахс (шахсон)-и воқеие, ки шахси ҳуқуқӣ ё созмони ҳуқуқии хориҷиро назорат мекунад (мекунанд);

**Хешовандони наздик** - хешовандони наздики шахсони мансабдори оммавӣ (зан, шавҳар, фарзанд, падару модар, бародар, хоҳар, фарзандхондагон, фарзандхондшудагон, инчунин шахсони дигаре, ки аз рӯйи маълумоти пешниҳоднамудаи онҳо ё маълумоти дастрас бо шахси мансабдори оммавӣ ба таври доимӣ якҷоя зиндагӣ карда, хоҷагии умумӣ мебаранд);

**Муносибатҳои корӣ**;– муносибатҳои байни муштарӣ ва Бонк, ки дар асоси созишнома оид ба хизматрасонии молиявӣ ё хизматрасонии дигар, аз ҷумла амалӣ намудани амалиёт (аҳд), ба вуҷуд омадаанд;

**Департаменти комплаенс-хавф** – воҳиди сохтории Бонк, ки ба масъулияти он татбиқи назорати дохилӣ аз болои мувофиқатии фаъолияти Бонк ба талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёри ҳуқуқии БМТ, қоидаҳои дохила ва ҷараёнҳо Бонк, инчунин масъалаҳои вобаста ба МКД/МТ/МПСҚО дохил мешаванд;

**ДММ –** Департаменти мониторинги молиявӣ назди Бонки миллии Тоҷикистон;

**Мушаххаскунии муштарӣ** - мушаххаскунии муштарӣ – маҷмуи чорабиниҳо оид ба

муайян кардани маълумоти мушаххаскунанда вобаста ба муштарӣ (намояндаи муштарӣ);

**Молу мулк (воситаҳо)** - ҳар гуна дороии моддӣ ё ғайримоддӣ, ашёи манқул ё ғайриманқул, новобаста аз тарзи ба даст овардани онҳо, инчунин ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ё санадҳои гуногуншакл, аз ҷумла дар шакли электронӣ ё рақамӣ, ки ҳуқуқ ба чунин дороиҳо ва иштирок дар онҳоро тасдиқ менамоянд, аз ҷумла қарзҳои бонкӣ, чекҳои роҳ, вомбаргҳо, векселҳо, аккредитивҳо, дороиҳои маҷозӣ ва ғайра;

**Муштарӣ** - шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, инчунин созмони ҳуқуқии хориҷӣ, ки таҳти хизматрасонии субъекти ҳисоботдиҳанда мебошад;

**Комплаенс амбассадор** - корманди воҳиди сохтории Бонк, ки аз ҷониби Раиси Раёсат таъин карда мешавад ва барои муайян намудани хавфҳои комплаенс, инчунин иҷрои талабот дар соҳаи МКД/МТ/МПСҚО дар воҳиди сохтории Бонк масъул мебошад;

**Комплаенс-хавф** – эҳтимолияти ба амал омадани талафот дар натиҷаи аз ҷониби Бонк ва кормандони он риоя накардани талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақоми ваколатдор, ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии Бонк, ки тартиби хизматрасонӣ аз ҷониби Бонк ва гузаронидани амалиёт дар бозори молиявиро ба танзим медароранд, инчунин, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, ки ба фаъолияти Бонк таъсир мерасонанд;

**Тиҷорати махфӣ** – фаъолияте, ки дар он муайян намудани молик бенефетсиарони ниҳоӣ, намуди амалиётҳо/фаъолият ё дигар маълумоти барои риояи қонунгузории ҶТ лозима ғайримкон аст;

**Қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (ҚД/МТ/ МПСҚО)** – анҷом додани амалиёти молиявӣ ё аҳдҳои дигар бо маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ё молу мулки дигар, ки баръало даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда мебошанд, бо мақсади руйпуш ва пинҳон намудани сарчашмаи ба даст овардани ин молу мулк ва ё мусоидат намудан ба шахсе, ки дар содир намудани ҷинояти асосӣ иштирок намудааст, то ки ӯ тавонад аз ҷавобгарӣ барои кирдорҳои содирнамудааш саркашӣ намояд, инчунин рӯйпуш ё пинҳон кардани хусусияти аслӣ, маҳалли ҷойгиршавӣ, тарзи ихтиёрдорӣ, ҷойивазкунӣ, ҳуқуқ ба молу мулк ё мансубияти он, ҳамчунин ба даст овардан, соҳибӣ кардан, истифода бурдан ё ихтиёрдории чунин молу мулк;

**Руйхати маҳаллии таҳримӣ** – руйхати шахсоне, ки бо терроризм алоқаманд мебошанд ё мавҷуд будани шубҳаи асоснок оид ба даст дошатани ин шахсон ба фаъолияти террористӣ, ки аз ҷониби Мақоми ваколатдор дар самти МКД/МТ/МПСҚО дар сомонаи расмии БМТ нашр карда мешавад ё расман бо дигар каналҳои алоқа ба Бонк пешниҳод карда мешавад;

**Таҳримҳои байналмилалӣ** - таҳримҳое, ки ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи шартномаҳои байналмилалӣ ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудааст, инчунин таҳримҳое, ки метавонанд ба фаъолияти Бонк ва обрӯи он таъсири назаррас расонида, мизоҷони Бонкро фош кунанд ё мизочон ва шариконии бонкро ба гум шудани дороии худ гирифтор созанд;

**БМТ** – Бонки миллии Тоҷикистон;

**Рӯйхати миллӣ** - рӯйхати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки бо тарафҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шахсоне, ки бо терроризм ва экстремизм робита доранд, қайд карда шаванд, аз ҷониби мақоми ваколатдор пешниҳод карда мешавад;

**Амалиёти гайриоддӣ** - амалиёте, ки дорои аломатҳо ва меъёрҳои эҳтимолии ғайриоддие, ки ба фаъолияти муштарӣ хос набуда, инчунин ҳама гуна амалиётҳое, ки тибқи мукаррароти мутахассисони шӯъбаи мониторинги молиявӣ метавонанд бо мақсади МКД/МТ/МПСКО амалӣ гардад;

**ШН** - Шӯрои нозирони ҶСК «Бонки Эсхата»;

**СММ** - Созмони Миллали Муттаҳид;

**Шахси масъули Бонк** - шахси мансабдори махсусе, ки аз ҷониби Шӯрои нозирони Бонк таъин карда мешавад, ки барои таҳия ва ташкили татбиқи қоидаҳои назорати дохилӣ дар Бонк барои мақсадҳои МКД/МТ/МПСҚО масъул мебошад, ҳамчунин комплаенс-назоратчӣ дар самти таҳримҳо масъул мебошад;

**ШММ** – шуъбаи мониторинги молиявии Департаменти комплаенс-хавф;

**Шахси мансабдори оммавӣ** - яке аз шахсони воқеии зерин:

**а) Шахси мансабдори оммавии хориҷӣ** - шахсе, ки вазифаҳои муҳимми давлатӣ ё сиёсиро дар давлати хориҷӣ иҷро мекунад ё иҷро мекард (сарони давлатҳо ё ҳукуматҳо, ходимони баландпояи сиёсӣ, шахсони мансабдори олии ҳукумат, судҳо, қувваҳои мусаллаҳ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, фискалӣ ва мақомоти давлатии дигар, шахсони мансабдори баландпояи корхонаҳои давлатӣ, инчунин роҳбарон ва ходимони ҳизбҳои сиёсӣ);

**б) Шахси мансабдори оммавии миллӣ** - шахсе, ки мансаби давлатии ҳокимияти давлатӣ ё мансаби сиёсии хизмати давлатӣ ё мансаби маъмурии хизмати давлатии категорияи олиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, ё мансабҳои давлатии ба онҳо баробарро дар қувваҳои мусаллаҳ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё мақомоти давлатии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол мекунад ё дар гузашта ишғол карда буд, инчунин шахсони мансабдори баландпояи корхонаҳои азими давлатӣ, роҳбарон ва ходимони ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**в) Шахси мансабдори оммавии ташкилоти байналмилалӣ** - шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ, ки ба ӯ вазифаҳои муҳимми ин ташкилоти байналмилалӣ бовар карда шудааст ё бовар карда шуда буд (роҳбарон, муовинони роҳбарон ва аъзои раёсат ё шурои мудирони ташкилоти байналмилалӣ ё шахсони дигари ба онҳо баробаркардашуда дар ташкилоти байналмилалӣ);

**МКД/МТ/МПСҚО** - муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом;

**Амалиёт ва аҳди шубҳанок** - амалиёт ё аҳд бо молу мулк (воситаҳо), аз ҷумла кӯшиши анҷом додани амалиёт ё аҳд, новобаста аз маблағи он, ки нисбат ба он шубҳа вуҷуд дорад, ки он метавонад бо қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом алоқаманд бошад;

**Қоидаҳои назорати дохилӣ дар доираи МКД/МТ/МПСҚО**- қабули қоидаҳои назорат аз ҷониби ҶСК "Бонки Эсхата" дар доираи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом;

**Раёсат** - Раёсати ҶСК “Бонки Эсхата”;

**ҶТ** - Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Хавф** - маҷмуи таҳдидҳо, осебпазирии қонунигардонӣ (расмикунонӣ)- и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва оқибатҳои бо онҳо алоқаманд барои давлат, мақомоти давлатӣ ва (ё) субъектҳои ҳисоботдиҳанда;

**Таҳрим** - унсури меъёри ҳуқуқӣ, ки баъзе маҳдудиятҳои марбут ба гузаронидани амалиёт ва муқаррар намудани оқибатҳои номатлуброро ҳангоми риоя накардани ин маҳдудиятҳо тасдиқ мекунад;

**Шахси мансабии махсуси филиал** – корманди филиал, ки барои риояи Қоидаҳои назорати дохилӣ дар самти МКД/МТ/МПСҚО дар филиал масъул аст ва аз тарафи Раиси Раёсат таъин карда мешавад;

**Воҳиди сохторӣ** – воҳиди Бонк ва филилалҳои он, ки бо муштариён амалиёт анҷом медиҳанд, инчунин бо контрагентҳо ва шарикон дар доираи талаботҳои қонунгузории ҶТ

муносибатҳо муқаррар менамоянд;

**Мақоми ваколатдор** - мақоми муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом;

**Маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (МПСҚО)**- бевосита ё бавосита пешниҳод намудан ё ҷамъ овардани воситаҳо бо мақсади пурра ё қисман истифода бурдани онҳо ё бо дарки он ки ин воситаҳо барои ғайриқонунӣ сохтан, истеҳсол кардан, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол, ирсол ва ё ба соҳибияти каси дигар додани силоҳи зарравӣ (ядроӣ), нейтронӣ, кимиёвӣ, биологӣ (бактериологӣ), иқлимӣ, инчунин намуди дигари силоҳи қатли оми бо шартномаҳои байналмилалӣ манъшуда, ҳамчунин ба ҳар давлати дорои силоҳи зарравӣ набуда додани маводи ибтидоӣ ё махсуси таҷзияшаванда ё технологияе, ки баръало метавонад барои бунёди силоҳи қатли ом истифода гардад ва (ё) ба ягон шахс додани намудҳои дигари силоҳи қатли ом ё қисматҳои зарурии истеҳсоли он, ки бо шартномаҳои байналмилалӣ манъ гардидаанд, истифода мегарданд;

**Маблағгузории терроризм -** бевосита ё бавосита пешниҳод намудан ё ҷамъ овардани воситаҳо бо мақсади пурра ё қисман истифода бурдани онҳо ва ё бо дарки он ки ин воситаҳо аз тарафи террористи алоҳида ё гурӯҳ (ташкилот)- и террористӣ истифода мешаванд, ё бо мақсади таъминоти молиявии террористи алоҳида ё гурӯҳ (ташкилот)-и террористӣ ё барои ташкил, тайёр ва содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ истифода мегарданд ва ҳамчунин, агар ин воситаҳо воқеан барои содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ, инчунин маблағгузории террористи алоҳида ё гурӯҳ (ташкилот)-и террористӣ, ҳатто агар он бо амал (амалҳо)-и мушаххаси террористӣ алоқаманд набошад, ё барои маблағгузории сафарҳои шахсон ба давлатҳое, ки давлати будубош ё шаҳрвандии онҳо намебошанд, барои мақсадҳои содир кардан, ба нақша гирифтан, тайёр кардан ё иштирок намудан дар содир намудани амалҳои террористӣ ё дар тайёр кардани террористҳо ё гузаштан аз чунин тайёрӣ истифода нашуда бошанд;

**FATF** – Гурӯҳи таҳияи тадбирҳои молиявии мубориза бар зидди қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, ташкилоти байниҳукуматӣ, ки стандартҳоро дар самти МҚД/МТ/МПСҚО муқаррар мекунад, сиёсатро оиди муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом таҳия ва амалӣ менамояд;

**OFAC (Office of Foreign Assets Control)** – Идораи назорати дороиҳои хориҷии хазинадории ИМА, шӯъбаи Вазорати молияи ИМА барои иктишофи молиявӣ, банақшагирӣ ва татбиқи таҳримҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо мақсади дастгирии амнияти миллӣ ва ҳадафҳои сиёсати хориҷии Амрико;

**Specially Designated Nationals List and Blocked Persons (SDN-List)** - рӯйхате, ки OFAC тартиб додааст, ки шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро дар бар мегирад, ки бо фаъолиятҳои манъкардашуда, аз ҷумла, паҳнкунии силоҳи қатли ом, терроризм, паҳнкунии маводи мухаддир, инчунин, бо поймолкунии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон машғуланд;

**SSI List (Sectoral Sanctions Identification List)** -рӯйхат барои муайян кардани шахсоне, ки дар бахшҳои иқтисоди Русия фаъолият мекунанд, ки аз ҷониби вазири молияи ИМА таъин шудааст, ки муносибатҳои тиҷоратӣ бо онҳо манъ аст;

**UNSC (ША СММ)** - Шӯрои Амнияти Созмони Миллали Муттаҳид;

## Боби 3. Мақсад ва вазифаҳои Сиёсат дар самти МҚД/МТ/МПСҚО

**3.1 Мақсадҳои асосии Сиёсати мазкур иборатанд:**

3.1.1 Пешгирии ҷалб шудани Бонк ба фаъолияти алоқаманд бо МҚД/МТ/МПСҚО.

3.1.2 Таъмини мутобиқатии фаъолияти Бонк ва фаъолияти ҳар як корманди он ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии дохилии Бонк дар самти

МҚД/МТ/МПСҚО;

3.1.3 Иҷрои талаботҳои шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи муқаррарнамудаи қонунгузории дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, инчунин, тавсияҳои ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО, аз ҷумла, FATF;

3.1.4 Ташаккули асосҳои рушди низоми назорати дохилӣ ва қабули санадҳои меъёрии дохилии Бонк, ки чораҳои идоракунии хавфҳоро вобаста ба ҷалби эҳтимолии Бонк дар равандҳои МҚД/МТ/МПСҚО танзим мекунанд.

3.1.5 Таъмини мутобиқатии заминаи ҳуқуқии Бонк ба стандартҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои МҚД/МТ/МПСҚО дар қисми ба қонунгузории ҶТ мухолифатнакунанда.

3.1.6 Таъмини аз ҷониби Бонк риоя гардидани таҳримҳои байналмилалии иқтисодӣ ва кам кардани хавфи комплаенс дар фаъолияти Бонк, ки бо риоя накардани таҳримҳои байналмилалии иқтисодӣ алоқаманданд, ҷорӣ намудани таҷрибаи беҳтарини байналмилалӣ, татбиқи қарорҳои ШН оид ба комплаенси таҳримӣ.

**3.2 Вазифаҳои асосии Сиёсати мазкур аз зерин иборатанд:**

3.2.1 Аз ҷониби Бонк пешгирӣ шудани МҚД/МТ/МПСҚО аз ҷониби шахсоне, ки бо Бонк муносибатҳои корӣ доранд.

3.2.2 Таҳия ва татбиқи чораҳои таъсирбахш бо мақсади муайянкунӣ ва пешгирии қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳншавии силоҳи қатли ом аз ҷониби муштариён ва соҳибони бенефитсиарии Бонк, барои паст кардани хавфҳои зерин:

- хавфи расонидани зарар ба обрӯи кории Бонк;
- хавфи алоқаманд бо вайронкунии Қонуни МҚД/МТ/МПСҚО;
- хавфи алоқаманд бо вайронкунии қонунгузории давлати хориҷӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО, ки дар ҳудуди он Бонк амалиёти пардохтӣ ва интиқолӣ мегузаронад, инчунин, амалиётҳои муштариёни Бонк тавассути ташкилотҳои қарзии молиявии хориҷӣ;
- хавфи алоқаманд бо риоя накардани таҳримҳо, аз ҷумла таҳримҳои байналмиллалӣ.

3.2.3 Таъмини риояи талаботҳои Сиёсати мазкур, инчунин, дар амал татбиқ намудани ин талаботҳо аз ҷониби кормандони Бонк, бо назардошти хусусиятҳои зерин:

а) иштироки кормандон дар татбиқи назорати дохилӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО, новобаста аз вазифаи ишғолнамуда;

б) риояи талаботҳои сирри бонкӣ ва пинҳон нигоҳ доштани маълумоти дар ҷараёни амалисозии назорати дохилӣ ошкоршуда бо мақсади МҚД/МТ/МПСҚО;

в) пешгирии иштирок ва ё мусоидати кормандони Бонк дар равандҳои ҚД/МТ/МПСҚО;

г) таъмини тақсимоти возеҳи вазифаҳо байни воҳидҳои сохтории Бонк, аз ҷумла, филиалҳо (сохтори масъули МҚД/МТ/МПСҚО), бо мақсади татбиқи назорати самараноки риояи расмиёти дохилие, ки ба МҚД/МТ/МПСҚО равона шудаанд;

3.2.4 Таъмини ташкил ва татбиқи низоми назорати дохилӣ аз ҷониби Бонк риоя шудани таҳримҳои байналмилалии иқтисодӣ.

## Боби 4. Ташкили назорати дохилӣ барои мақсадҳои МҚД/МТ/МПСҚО

**4.1 Низоми ваколатҳо**

4.1.1 Қарорҳо вобаста ба кори низоми МҚД/МТ/МПСҚО аз ҷониби зерин қабул карда мешаванд:

- ШН;
- Кумита оид ба комплаенс ва идоракунии хавфҳои назди ШН;
- Раиси Раёсат;
- Раёсат;
- Департаменти комплаенс-хавф;

- Шахси масъули Бонк;
- Комплаенс амбассадори филиал/воҳиди сохторӣ.

4.1.2 Ба салоҳияти ШН зерин дохил мешаванд:

4.1.2.1 тасдиқи Сиёсати мазкур, инчунин, санадҳои меъёрии дохилии Бонк, ки равиши Бонкро дар самти МҚД/МТ/МПСҚО муайян мекунанд;

4.1.2.2 баррасии ҳисоботҳои аз ҷониби Бонк қабулшаванда оид ба комплаенс-хавфҳо ва чорабиниҳои пешниҳодшаванда оид ба кам кардани хавфҳои ҷалби Бонк ва кормандони он ба равандҳои МҚД/МТ/МПСҚО;

4.1.2.3 назорати аз ҷониби Бонк татбиқ шудани чораҳои назорати дохилӣ барои мақсадҳои МҚД/МТ/МПСҚО ва баҳодиҳии самаранокии онҳо.

4.1.2.4 ҷиҳати таъмини иҷрои қонунгузорӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО, ШН шахси/шахсони масъул (нозири комплаенс дар самти МҚД/МТ/МПСҚО) -ро таъин мекунад ва фаъолияти онҳоро назорат мекунад.

4.1.3 Салоҳиятҳои Кумита оид ба комплаенс дар самти МҚД/МТ:

4.1.3.1 таъмини эътимоднокӣ ва самаранокии низоми назорати дохилӣ, инчунин, ҳамоҳангсозии фаъолият ва дастгирии методӣ дар ин самтҳо;

4.1.3.2 баҳодиҳии самаранокии низоми назорати дохилӣ ва низоми идоракунии хавфҳои Бонк, инчунин, таҳияи пешниҳодҳо оид ба ин масъалаҳо ва масъалаҳои марбут;

4.1.3.3 Додани тавсия ба ШН дар бораи тасдиқи ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардани Роҳбари Департаменти коммплаенс-хавф ва корманди масъули МҚД/МТ;

4.1.3.4 Баррасии пешакӣ ва тавсия барои тасдиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилӣ аз ҷониби ШН, ки самти Бонкро дар соҳаи МҚД/МТ/МПСҚО муайян мекунанд;

4.1.3.5 Баррасии ҳисоботҳое, ки ба Кумита оид ба самаранокии низоми МҚД/МТ-и Бонк пешниҳод мешаванд.

4.1.4 Ба салоҳияти Раиси Раёсат дохил мешавад:

4.1.4.1 ҳамоҳангсозии умумӣ ва назорат аз болои самаранокии низоми идоракунии комплаенс-хавфҳои дар Бонк таъсисдодашуда, таъмини баланд бардоштани маданияти комплаенс дар Бонк;

4.1.4.2 таъмини тарғиби фарҳанги комплаенс дар Бонк;

4.1.4.3 гузаронидани робитаҳои беруна ва дохилӣ вобаста ба муқаррароти Сиёсати мазкур, аҳамият, уҳдадорӣ ва зарурияти татбиқи он;

4.1.4.4 таъмини бехатарии кормандоне, ки уҳдадориҳои худро оид ба риояи талаботи Сиёсат дуруст иҷро кардаанд, аз таъқиб, поймолкунии ҳуқуқ ё таъсири интизомии беасос.

4.1.5 Ба салоҳияти Раёсат дохил мешавад:

4.1.5.1 таъмини ҳамгироии функсионал дар самти МҚД/МТ/МПСҚО ба равандҳои тиҷоратии Бонк;

4.1.5.2 қабули қарорҳо оид ба лоиҳаҳои барои баррасӣ пешниҳодшуда бо назардошти муқаррароти Сиёсати мазкур ва комплаенс-хавфҳои ошкоршуда;

4.1.5.3 баррасии ҳисоботҳо оид ба комплаенс-хавфҳо бо мақсадҳои МҚД/МТ/МПСҚО.

4.1.6 Вазифаҳои Департаменти комплаенс -хавф дар доираи МҚД/МТ/МПСҚО дар ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии Бонк муайян карда мешаванд, дар ин ҳол, Хадамот:

4.1.6.1 таҳия ва тасдиқи сиёсати мазкур, қоидаҳои назорати дохилӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО, инчунин, дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии Бонк вобаста ба масъалаҳои МҚД/МТ/МПСҚО, ки иҷрои талаботҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсияҳои ФАТФ, қарорҳои Шӯрои Амнияти СММ - ро таъмин менамоянд, ташкил мекунад;

4.1.6.2 назорат аз ҷониби кормандони Бонк дар самти риояи қонунҳо ва қоидаҳои самти МҚД/МТ/МПСҚО-ро ба танзим меоранд;

4.1.6.3 дар бораи боздоштан/бастани амалиётҳо ҳангоми амалисозии назорати дохилӣ бо мақсади МКД/МТ/МПСҚО, аз ҷумла, дар сурати ба амал омадани шубҳа ба амалиёти муштариён, ки нисбати онҳо шубҳаҳо ба амал меоянд, ки онҳо бо мақсади ҚД/МТ/ МПСҚО амалӣ карда мешаванд, қарорҳо қабул мекунад;

4.1.6.4 хавфҳои ҚД/МТ/МПСҚО-ро дар фаъолияти Бонк, дар амалиёт ва лоиҳаҳои он ошкор, баҳодиҳӣ, мониторинг, назорат ва пешгӯӣ мекунад ва ба мақоми идоракунии Бонк оид ба паст кардани онҳо тавсияҳо пешниҳод менамояд;

4.1.6.5 омӯзиш ва машварати кормандонро оид ба масъалаҳои МКД/МТ/МПСҚО таъмин менамояд;

4.1.6.6 фаъолияти ташкилотҳои фаръии бонкро оид ба масъалаҳои идоракунии хавфҳои қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ҳамоҳанг месозад;

4.1.6.7 заминаи меъёрӣ ва низоми идоракунии МКД/МТ/МПСҚО-ро бо мақсади баланд бардоштани самаранокии онҳо ва таъмини мутобиқатӣ ба ҳадафҳо ва вазифаҳои Бонк такмил медиҳад;

4.1.6.8 ба дархостҳои мақоми ваколатдор, дигар мақомоти танзимкунанда ва ҳифзи ҳуқуқ, шарикон, контрагентҳо ва кореспондентҳои Бонк оид ба масъалаҳои МКД/МТ/МПСҚО маълумот пешниҳод менамояд;

4.1.6.9 санҷишҳо ва дархостҳои мақоми ваколатдор, дигар мақомоти танзимкунанда ва ҳифзи ҳуқуқ, аудити берунӣ ва дохилӣ, шарикон, контрагентҳо ва корреспондентҳои Бонк оид ба масъалаҳои оид ба МКД/МТ/МПСҚО ҳамроҳӣ менамояд;

4.1.6.10 баррасӣ ва арзёбӣ намудани хавфҳои ҚД/МТ/ МПСҚО дар доираи системаи умумии идоракунии хавфхо тибқи стратегия ва хадафхои Бонк;

4.1.6.11 низоми ҳисоботдиҳиро барои МКД/МТ/МПСҚО таҳия намуда, ба мақомоти идоракунии Бонк бо тартиби зерин маълумот пешниҳод менамояд:

- Пешниҳоди намунаи тасдиқшудаи ҳисобот ба Раёсат - на камтар аз як маротиба дар як моҳ;
- Пешниҳоди намунаи тасдиқшудаи ҳисобот ба ШН, Кумита оид ба комплаенс – на камтар аз як маротиба дар семоҳа.

4.1.7 Ҳисоботҳои пешниҳодшаванда бояд инҳоро дарбар гирифта вале бо ҳамин маҳдуд намегарданд:

4.1.7.1 Оид ба таҳлили натиҷаҳои мониторинги хавфҳои муштариён ва баҳодиҳии сатҳи таъсиёбии маҳсулотҳои (хизматрасониҳо) бонкӣ ба хавфҳои ҚД/МТ/МПСҚО дар сатҳи Бонк (дар маҷмӯъ) ва дар сатҳи воҳидҳои сохторӣ;

4.1.7.2 Оид ба тавсияҳо вобаста ба чораҳои пешгирикунандаи хавфҳои ҚД/МТ/МПСҚО, аз ҷумла мӯҳлати иҷрои тавсияҳои пешниҳодгашта;

4.1.7.3 Оиди тавсияҳо вобаста бартараф намудани хатогию камбудиҳо дар фаъолияти Бонк ки дар рафти назорати чараёни комплаенс муайян шудаанд, аз ҷумла масъалаҳои вобаста ба ҚД/МТ/ МПСҚО;

4.1.7.4 Оид ба чораҳои андешидашуда, ки дар рафъи фаъолият аз ҷониби шӯъбаи аудити дохила ва (ё) аз ҷониби мақоми ваколатдор аз рӯи натиҷаи санҷиши самарнокии низоми идоракунии комплаенс хавфҳо, аз ҷумла дар самти МКД/МТ/ МПСҚО муайян шуда, ва ё наандешидани чунин чораҳо.

4.1.7.5 Оид ба мушкилотҳои ҷойдошта, ки барои татбиқи бомуваффақияти низоми назорати дохилӣ монеагӣ мекунанд;

4.1.8 Ваколатҳо ва вазифаҳои корманди масъули Бонкро дар самти МКД/МТ/МПСҚО Қоидаҳои назорати дохилӣ дар самти МКД/МТ/МПСҚО ва дастурамали мансабӣ муайян мекунанд. Ба салоҳияти истисноии корманди масъули Бонк дар сатми МКД/МТ/МПСҚО зерин дохил мешавад:

4.1.8.1 Таъмини татбиқи Сиёсати мазкур, Қоидаҳои назорати дохилӣ дар соҳаи МКД/МТ/МПСҚО, инчунин дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии Бонк, ки ба фаъолияти Бонк дар соҳаи МКД/МТ/МПСҚО алоқаманд ҳастанд ва риояи онҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4.1.8.2 назорати кормандони Бонк вобаста ба татбиқи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи МКД/МТ/МПСҚО;

4.1.8.3 ташкили омӯзиш барои кормандон оид ба масъалаҳои марбут ба МКД/МТ/МПСҚО;

4.1.8.4 таҳлили амалиётҳои шубҳанок, амалиётҳои ғайриоддӣ;

4.1.8.5 дар ҳолатҳои зарурӣ ташкили тафтишоти аҳдҳо/амалиётҳо оид ба масъалаҳои МКД/МТ/МПСҚО;

4.1.8.6 дар ҳолати зарурӣ ташкили тафтишоти амалиётҳои ғайриоддӣ;

4.1.8.7 баррасии ҳисоботҳои дохилӣ оид ба аҳдҳо/амалиётҳои шубҳанок ва амалиётҳои ғайриоддӣ барои дурустии таҳияи онҳо;

4.1.8.8 назорати сари вакт фиристодан ва бакайдгирии хисобот оид ба аҳдҳо/амалиётҳои шубҳанок ба Мақоми ваколатдор;

4.1.8.9 додани дастурҳо ба кормандони Бонк оиди масалаҳои ошкор накардани маълумот ба муштарӣ дар бораи чораҳои дар самти МКД/МТ/МПСҚО андешидашаванда;

4.1.8.10 амал намудан ҳамчун шахси тамосӣ бо мақомоти ваколатдор дар самти МКД/МТ/МПСҚО, бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин, бо ҳама мақомоти дигари салоҳиятдор вобаста ба пешгирӣ, ошкор, таҳқиқ ё мувофиқат ба меъёрҳои МКД/МТ/МПСҚО;

4.1.8.11 омӯзиши пайвастаи тағйиротҳои миллӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи МКД/МТ/МПСҚО ва пешниҳоди пешниҳодҳо барои баррасӣ аз ҷониби Шӯрои Нозирон ва Раёсат оид ба мутобиқгардонии фаъолият ва ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии Бонк ба талаботи нав;

4.1.8.12 таъмини ҷамъоварӣ, назорат, коркард ва таҳлили иттилоот дар бораи талаботи Қарори Шӯрои амнияти СММ;

4.1.8.13 мониторинги доимии навсозии феҳристи таҳримҳо ва ҷорӣ намудани барномаҳои нави таҳримӣ;

4.1.8.14 маълумот додан ба ШБ дар бораи ҷорӣ намудани муҷозотҳое, ки ба фаъолияти Бонк таъсири назаррас мерасонанд;

4.1.8.15 таъмини риояи таҳримҳо, аз ҷумла таҳримҳои байналмилалӣ;

4.1.8.16 таҳияи расмиёти тафтиши мизоҷони нав ва мавҷуда, контрагентҳо, шарикон дар рӯйхати таҳримҳо;

4.1.8.17 таъмини гузаронидани санҷишҳо (озмоишҳо)-и низоми мутобиқатии МКД/МТ/МПСҚО аз чумла:

- инвентаризатсияи рӯйхат дар ABS-и бонк;
- раванди гузоштани сатҳи хавфҳо;
- равандҳо барои муайян кардани амалиёте, ки таҳти назорати ҳатмӣ қарор доранд, амалиёти шубҳанок ва инчунин огоҳии саривақтӣ дар бораи чунин амалиётҳо;
- назорати дахлдори риояи комплаенси таҳримӣ;
- дигар самтҳо дар соҳаи МКД/МТ/МПСҚО дар Бонк;

4.1.8.18 таҳияи нақшаи чорабиниҳо оид ба рафъи бартарфкунии қонуншиканиҳои муайяншуда аз рӯи натиҷаи санҷиши дар боло зикршуда.

4.1.8.19 ташкили мониторинг дар мавзӯи иштироки Бонк дар аҳдҳо бо тиҷорати махфӣ;

4.1.8.20 қабули қарорҳо оид ба қатъ кардани муносибатҳои корӣ бо муштариён, шарикон ё контрагентҳо ё маҳдуд намудани дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои Бонк, дар ҳолатҳое, ки дар Сиёсати мазкур пешбинӣ шудаанд;

4.1.9 Комлаенс амбассадор аз ҷониби Раиси Раёсат пас аз бомуваффақият хатм кардани курси махсус дар соҳаи МҚД/МТ/МПСҚО таъин карда мешавад. Вазифаҳои сафири мутобиқат:

4.1.9.1 ҳамкорӣ бо шӯъбаи мониторинги молиявии Департаменти комплаенс-хавф;

4.1.9.2 таъмини татбиқи сиёсати мазкур ва ҳуҷҷатҳои дохилӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО дар доираи сохтори худ;

4.1.9.3 мусоидат намудан ба корманди масъули Бонк дар самти МҚД/МТ/МПСҚО дар назорати риояи сиёсати мазкур ва расмиёт оид ба масъалаҳои МҚД/МТ/МПСҚО аз ҷониби воҳиди сохторӣ;

4.1.9.4 ҳамоҳангсозии масъалаҳои таълим ва таъмини огоҳии кормандони воҳиди сохторӣ оид ба талаботҳои сиёсати мазкур ва расмиёт оид ба масъалаҳои МҚД/МТ/МПСҚО;

4.1.9.5 таъмини пурра ва саривақтии ҷамъоварӣ ва пешниҳоди маълумот оиди амалиётҳои шубҳанок ва амалиётҳои ғайриоддӣ ба шуъбаи мониторинги молиявӣ доираи сохтори худ;

4.1.9.6 дигар вазифаҳое, ки дар дастурамалҳои мансабӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилӣ муайян шудаанд.

4.1.10 Ваколатҳо ва функсияҳои воҳидҳои сохтории мустақили Бонк, ки бо МҚД/МТ/МПСҚО алоқаманданд, аз ҷониби Бонк дар ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилӣ муайян карда мешаванд.

### 4.2 Хатҳои муҳофиза дар низоми назорати дохилӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО

4.2.9 Воҳидҳои сохторие, ки амалиётҳоро бо Контрагентҳо ташаббус мекунанд, хати аввали муҳофизаи Бонк дар ошкор ва пешгирии ҚД/МТ/МПСҚО мебошанд. Ҳамзамон, роҳбарони воҳидҳои сохтории мустақил барои ташкил ва назорати дурусти дохилӣ дар воҳиди сохторӣ масъул мебошанд. Барои таъмини татбиқи самарабахши Қоидаҳои назорати дохилӣ дар соҳаи МҚД/МТ/МПСҚО дар хати якуми муҳофиза, дар воҳидҳои сохтории Бонк шахси махсуси вазифадори филиал вобаста ба МҚД/МТ/МПСҚО комплаенс амбассадор таъин карда мешавад, ки масъули риояи қоидаҳои назорати дохилӣ мебошад.

4.2.10 Департаменти комплаенс - хавф хати дуюми муҳофиза буда, барои муайянкунӣ, баҳодиҳӣ, назорат ва огоҳкунии мақоми дахлдори идоракунии Бонк оиди чунин комплаенс-хавфҳо масъул аст. Воҳидҳои дастгирикунандаи Бонк муайянкунӣ ва ҳимояи Бонкро аз МҚД/МТ/МПСҚО ҳангоми баҳисобгирӣ, коркард ва назорати амалиётҳо таъмин мекунанд.

4.2.11 Хати сеюми муҳофиза аз ҷониби шуъбаи аудити дохилӣ тавассути баҳодиҳии мустақилонаи самаранокии низоми назорати дохилӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО таъмин карда мешавад.

### 4.3 Принсипҳои ташкили низоми назорати дохилӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО

4.3.9 Бонк қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризмро дар фаъолияти худ ҳамчун ҳодисаи нораво, ки бечуну чаро манъ аст, баррасӣ мекунад. Бонк амалиётро тавре анҷом медиҳад, ки комплаенс-хавфҳои қабулшаванда муайян, баҳодиҳӣ карда шаванд ва дар сатҳи пасттарин ва қобили қабул барои Бонк қарор дошта бошанд. Ҳамзамон, азбаски бартарафсозии пурраи хавфҳои муайяншуда, чун қоида, ғайриимкон аст, қабули онҳо дар сатҳи тасдиқшуда маънои онро надорад, ки Бонк таҷрибаҳои мамнӯъро ҳамчун ҷоиз мешуморад.

4.3.10 Ҳангоми таҳияи низоми назорати дохилӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО, Бонк аз рӯи принсипҳои зерин амал мекунад:

4.3.10.1 терроризмро дар ҳама шаклҳояш маҳкум мекунад ва оиди нораво будани истифодаи Бонк ва хидматҳои он дар амалиётҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла, расмикунонии

маблағҳо, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳншавии силоҳи қатли ом изҳор мекунад;

4.3.10.2 аҳамияти мутобиқати фаъолияти Бонк ва ҳар як корманди онро бо қонунгузорӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии Бонк эътироф мекунад;

4.3.10.3 аҳамияти мутобиқати Сиёсати мазкурро ба талаботҳои мақоми танзимкунанда ва таҷрибаи байналмилалӣ эътироф мекунад;

4.3.10.4 дар раванди назорати дохилии тамоми воҳидҳои сохторӣ ва кормандони Бонк ва ташкили назорати дохилӣ ҳамчун фаъолияти ҳаррӯза дар тамоми сатҳҳои идоракунӣ иштирок мекунад;

4.3.10.5 назорати дохилии тамоми самтҳои фаъолият ва равандҳои тиҷоратӣ ва танзими расмиёти назорати дохилиро дар ҳама соҳаҳо ва равандҳои тиҷоратии Бонк фаро мегирад;

4.3.10.6 назорати дохилиро ба таври доимӣ (мунтазамӣ) амалӣ месозад.

### 4.4 Талаботҳои умумӣ оид ба ташкили назорати дохилӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО

#### 4.4.9 Қоидаҳои назорати дохилӣ дар доираи МҚД/МТ/МПСҚО

4.4.9.1 Бо мақсади татбиқ ва назорати дохилӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО, дар Бонк Қоидаҳои назорати дохилӣ, таҳия карда мешаванд, ки бояд зеринро дар бар гиранд, аммо бо ин маҳдуд намегарданд:

1) барномаи ташкили низоми МҚД/МТ/МПСҚО;
2) барномаи мушаххаскунии муштарӣ, намояндаи муштарӣ, молик-бенефитсиар;
3) барномаи идоракунии хавфи ҚД/МТ/МПСҚО;
4) барномаи дар фаъолияти муштарӣ ошкор намудани амалиётҳое, ки боиси назорати ҳатмӣ мебошанд ва нисбати онҳо шубҳаҳо мавҷуданд, ки онҳо бо мақсади МҚД/МТ/МПСҚО анҷом дода мешаванд;
5) барномаи сабти ҳуҷҷатии маълумотҳо;
6) барномаи ташкили фаъолияти Бонк оид ба радди қабули хизматрасонӣ ва иҷрои супоришҳои муштарӣ оид ба иҷрои амалиёт (аҳд);
7) барномае, ки тартиби татбиқи чораҳо оид ба бастани (муҳосира) маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулки муштариёнро муайян мекунад;
8) барномаи омодасозӣ ва омӯзонидани МҚД/МТ/МПСҚО ба кормандон;
9) барномаи санҷиши назорати дохилӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО
10) барномаи комплаенси таҳримӣ.

4.4.9.2 Қоидаҳои назорати дохилӣ дар доираи МҚД/МТ/МПСҚО дар Бонк муносибати ягонаро барои муайян кардани амалиётҳои муштариён (намояндагони онҳо) ва молик-бенефитсиарон бо роҳи ташкил ва бурдани базаҳои маълумотҳо, гузааронидани таҳлили амалиётҳои шубҳанок, тартиби аз ҷониби кормандони Бонк огоҳ кардан дар бораи вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти МҚД/МТ/МПСҚО муқаррар мекунанд, инчунин, ягонагии методологӣ ва кори мувофиқашудаи низомҳои иттилоотиро дар самти МҚД/МТ/МПСҚО таъмин менамоянд;

4.4.9.3 Пардохтҳои байналмилалии муштариён, ки андозаи онҳо ба андозаи ҳадди муқаррарнамудаи ШН баробар аст ё аз он зиёд аст, пас аз санҷиши Департаменти комплаенс-хавф анҷом дода мешаванд. Департаменти комплаенс- хавф ҳуқуқ дорад, ки пардохтҳои байналмилалиро (дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор) барои гузаронидани назорати ҳатмии пардохти зикршуда мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи МҚД/МТ/МПСҚО боздорад. Ҳангоми дар руйхатҳои таҳримӣ мавҷуд будани ягон иштирокчии пардохт, Бонк ҳуқуқ дорад гузаронидани пардохтро рад намояд.

4.4.9.4 Қоидаҳои назорати дохилӣ дар доираи МҚД/МТ/МПСҚО барои иҷро ба ҳамаи кормандони Бонк ҳатмӣ мебошанд.

**4.4.10 Талаботҳо ба кормандон ҳангоми гузаронидани амалиёт ва хизматрасонӣ ба муштариён:**

4.4.10.1 ошкор намудани амалиётҳои бонкӣ, ки дар самти МКД/МТ/МПСҚО бештар осебпазиранд;

4.4.10.2 мушаххаскунӣ (дар доираи салоҳият) ва омӯзиши (санҷиши мувофиқ) муштариён дар асоси муносибати ба хавф асосёфта ва оғоз кардани муносибатҳои корӣ танҳо бо он муштариёне, ки санҷиши дурусти онҳо мақоми ҳуқуқӣ ва қонунӣ будани фаъолияти онҳоро тасдиқ мекунад. Санҷиши мувофиқи муштариён (намояндагони онҳо) ва молик-бенефитсиарон дар Бонк тибқи қоидаҳои назорати дохилӣ дар самти МКД/МТ/МПСҚО амалӣ карда мешавад;

4.4.10.3 ошкор кардани (дар доираи салоҳият) амалиётҳое, ки боиси назорати молиявӣ мебошанд, инчунин, амалиётҳое, ки нисбати иҷрои онҳо (кӯшиши иҷро) бо мақсади ҚД/МТ/МПСҚО (амалиётҳои шубҳанок) шубҳа ба амал меоянд;

4.4.10.4 муайянкунӣ ва тафтиши шахсият молик-бенефетсиар;

4.4.10.5 гирифтани маълумот дар бораи мақсад ва хусусияти эҳтимолии муносибатҳои корӣ;

4.4.10.6 таъмини муқарраркунӣ ва навсозии даврии профили хавфи муштарӣ мутобиқи ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк;

4.4.10.7 таъмини мутобиқати барномаи МКД/МТ/МПСҚО ба идоракунии хавфҳо;

4.4.10.8 ҳангоми мушаххаскунии муштариён, Бонк барои дар байни шахсони воқеии хизматрасонидашаванда ошкор намудани шахсони бонуфузи сиёсӣ (ШБС), ки аз ҷониби Бонк ҳамчун муштариёни дорои хавфи баланд тасниф карда мешаванд, тадбирҳо меандешад. Ба чунин тадбирҳо зерин дохил мешаванд:

тафтиши мансубият ва (ё) алоқамандии муштарӣ ба ШБ, аъзои оила ва хешовандони наздики ӯ, баҳодиҳии эътибори ШБС ва алоқамандӣ ба ҳодисаҳои МКД/МТ/МПСҚО; муқаррар намудани муносибатҳои корӣ бо ШБС танҳо дар асоси иҷозати хаттии Раиси Раёсат ё муовини ӯ, инчунин, Директори филиал/Сардори Идораи амалиётӣ (сохтори масъул дар самти МКД/МТ/МПСҚО) ё сардори шуъба, ки дар асоси ваколатномаи Раиси Раёсат амал мекунад, андешидани чораҳои дастрас барои муайян кардани манбаи маблағҳои ШБС;

4.4.10.9 азнавкунии маълумотҳои мушаххасии муштариён ва молик бенефитсиарони онҳо, аз ҷумла азнавкунии пурсишномаи шакли “Муштарии худро бидон” дар муҳлате, ки дар санадҳои меъёрии дохилибонкӣ муқаррар шудааст.

4.4.10.10 мутобиқи талаботи моддаи 6 -и Қонуни ҶТ дар бораи МКД/МТ/МПСҚО ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии БМТ, Бонк мониторинги молиявии амалиётҳоро бо пул ва (ё) молу мулки дигар (ки боиси назорати ҳатмӣ мебошанд ва амалиётҳои шубҳанок) мегузаронад ва маълумотро дар бораи онҳо ба мақомоти ваколатдор мефиристад;

4.4.10.11 Бонк тибқи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мушаххаскунии шахсони сеюм, ки ба манфиати муштариён амал мекунанд, чораҳои зарурӣ меандешад, инчунин хангоми шубҳанок эътироф шудани амалиёт, агар муайян карда шавад, ки амалиёт аз номи хешовандони наздик ва / ё шарикони (муносибатҳои корӣ) шахсони вобаста бо ҚД/МТ/МПСҚО мебошад.

4.4.10.12 бо мақсади баҳодиҳӣ ва кам кардани хавфҳои аз ҷониби муштариён анҷом додани амалиётҳои алоқаманд бо МКД/МТ/МПСҚО, Бонк дар доираи расмиёти «Муштарии худро бидон» омӯзишҳои муштариёнро анҷом медиҳад.

**4.4.11 Ташкили назорати дохилӣ бо бонкҳои муросилотӣ:**

4.4.11.1 Бонк барои пешгирии истифодаи муносибатҳои фаромарзии бонкӣ барои МКД/МТ/МПСҚО тибқи қоидаҳои назорати дохилӣ дар соҳаи МКД/МТ/МПСҚО чораҳои зарурӣ меандешад;

4.4.11.2 Пеш аз муқаррар кардани муносибатҳои бонкии муросилотӣ бо бонки

пешниҳодшудаи муросил, сиёсат ва расмиёти Бонк барои кушодани суратҳисобҳои муросилотӣ амалҳои зеринро пешбинӣ мекунанд:

. ҷамъоварии маълумот дар бораи бонк-респонденти пешниҳодшаванда, хусусияти фаъолият ва сохтори бонк-респондент;

. муайян намудани эътибори ташкилот ва сифати назорат аз маълумоти дастраси умум ва инчунин, муайян намудани он, ки оё ташкилоти мазкур субъекти таҳқиқи қонунигардонии маблағҳо ё маблағгузории терроризм ё амалҳо ё таҳримҳои назоратии марбут ба қонунигардонии маблағҳо, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳншавӣ силоҳи қатли ом дар гузаштаи наздик буд ё не;

. муайян кардани мавҷудияти низоми боэътимоди МКД/МТ/МПСҚО аз ҷониби бонк-респондент;

. муайянкунӣ ва назорати истифодаи суратҳисобҳои муросилотӣ, ки метавонанд ҳамчун "суратҳисобҳои транзитӣ" барои қонунигардонии маблағҳо ё маблағгузории терроризм истифода шаванд. Дар муносибатҳои муросилотӣ, ки дастгирии "суратҳисобҳои транзитӣ"-ро дар бар мегиранд, Бонк талаботҳои зеринро иҷро мекунад:

- муштарӣ (ташкилотҳои молиявӣ -респондент) ба он муштариёни худ, ки ба суратҳисобҳои муросилотии ташкилоти молиявӣ дастрасии бевосита доранд, ҳамаи уҳдадориҳои муқаррариро вобаста ба тафтиши дурусти муштарӣ иҷро кардааст;

- ташкилоти молиявӣ – респондент бояд қодир бошад, ки ҳангоми дархост, маълумотҳои дахлдори муштариро ба муассисаи молиявии муросилотӣ пешниҳод кунад.

. муайян кардани давлат, ки дар он бонк-респондент ба қайд гирифта шудааст ва даровардани он ба рӯйхати давлатҳое, ки талаботи тавсияи FATF -ро иҷро намекунанд ва ё онҳоро ба таври номувофиқ иҷро мекунанд.

. мавҷуд будани бонки респондент, молик бенефетсиарон ва шахсони мансабдори он дар руйхатҳои таҳримӣ.

4.4.11.3 Дар доираи амалисозии принсипи "Муштарии худро бидон", Бонк дар асоси ҳарсола, пурсиши бонкҳои муросилотиро мегузаронад.

4.4.11.4 Тафсилоти корҳо дар муқаррар намудани муносибатҳои корӣ бо бонкҳои респондентӣ аз руи санадҳои меъёрии дохилибонкӣ ба танзим оварда мешавад.

**4.5 Талаботҳо чораҳои васеи санҷиши маҷмӯии муштариён**

4.5.1 Гуруҳи мазкури муштариён ба санҷиши маҷмӯӣ дучор мегардад:

4.5.1.1 муштариёни дорои хавфи баланд;

4.5.1.2 муштариёни дорои доираи васеи намудҳои фаъолият;

4.5.1.3 муштариёни дорои гардишҳои калони суратҳисобҳо;

4.5.1.4 муштариёне, ки аз санаи ба хизматрасонӣ қабул шуданашон шаш моҳ нагузаштааст;

4.5.1.5 муштариёни дар соҳаи бозиҳо фаъолиятбаранда;

4.5.1.6 муштариёне, ки нисбати онҳо дар шаш моҳи охир ба Мақоми ваколатдор дар самти МКД/МТ/МПСҚО ҳисоботҳо оид ба амалиётҳои шубҳанок ирсол шудаанд; муштариёне, ки нисбати онҳо дар шаш моҳи охир аз Мақоми ваколатдор дархост оид ба пешниҳоди маълумот ворид гаштааст.

**4.6 Қоидҳои умумии мониторинги муштариён ва амалиётҳои онҳо**

4.6.1 Мониторинги муштариён ва амалиётҳои онҳо ба зиммаи Воҳидҳои сохтори Бонк, инчунин ба зиммаи ШММ вогузор карда мешавад.

4.6.2 Ҳангоми гузаронидани мониторинги муштариён ва амалиётҳо онҳо, Бонк аз рӯи қоидаҳои зерин интихоби муштариёнро мегузаронад:

4.6.2.1 аз руи гуруҳи хавфи таъиншуда;

4.6.2.2 аз руи намуди фаъолият;

4.6.2.3 актуалии давраи мониторинг;

4.6.2.4 маблағи амалиётҳои гузаронидашаванда.

4.6.3 Барои гузаронидни мониторинги муштариён ва амалиётҳои онҳо бонк маълумотро аз низоми автоматикунонидашудаи бонкӣ, маълумотҳои дар рафти сайт-ташриф ва пурсиши муштариён бадастовардашуда, инчунин маълумот аз манбаҳои дастрасии умум истифода мебарад.

4.6.4 Дар ҳолатҳое, ки ҳангоми гузаронидани мониторинги муштариён ва амалиётҳои онҳо аз тарафи Воҳидҳои сохторӣ хавфҳои назарраси ҚД/МТ/МПСҚО ошкор мегарданд, маълумот дар бораи онҳо фавран баъди ошкор шудани хавфҳо ба ШММ ирсол карда мешавад.

4.6.5 Дар ҳолатҳое, ки ҳангоми гузаронидани мониторинги муштариён ва амалиётҳои онҳо аз тарафи ШММ хавфҳои назарраси ҚД/МТ/МПСҚО муайян карда мешаванд, маълумот дар бораи онҳо фавран баъди ошкор шудани хавфҳо ба Кумита оид ба комплаенс ва идоракунии хавфҳои назди ШН ирсол карда мешавад.

## Боби 5. Маҳдудиятҳо вобаста ба масъалаи МҚД/МТ/МПСҚО

5.1 Дар ҳолатҳои зерин, бонк аз муқаррар кардани муносибатҳои корӣ, анҷомдиҳии амалиёт даст мекашад ва инчунин, муносибатҳои кории қаблан муқарраршударо қатъ мекунад:

5.1.1 дархост барои кушодани суратҳисоби ҷорӣ ё суратҳисобҳои амонатӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, бе иштироки воқеии шахс ё бе иштироки намояндаи ваколатдори шахсе, ки ба номи ӯ суратҳисоб кушода мешавад;

5.1.2 аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои зарурии тасдиққунанда бо маълумоти ҳатмӣ барои бақайдгирии маълумот тибқи Қонун;

5.1.3 пешниҳоди маълумоти нодуруст аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои гузаронидани расмиёти мувофиқи тафтиши муштарӣ;

5.1.4 агар нисбати муштарии Бонк маълумот дар бораи иштирок дар ҚД/МТ/МПСҚО, ки мутобиқи меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудаанд, гирифта шуда бошад.

5.1.5 дархости дар бораи кушодани кушодани суратҳисоби бонкӣ барои муштариёни номаълум (сохта), инчунин, пардохт ва интиқолро бо супориши муштариён ба чунин суратҳисобҳои бонкӣ анҷом намедиҳад.

5.1.6 дар ҳолатҳое, ки муносибатҳои корӣ ба хавфи баланди риоя нагаштани талаботҳои қонунгузории ҶТ, таҳримҳои байналмиллалӣ, ё хавфи ҷалби Бонк ба фаъолияти ғайриқонунӣ ё ҷараёнҳо ҚД/МТ/МПСҚО оварда мерасонанд, Бонк муқаррар ё давом додани муносибатҳои кориро бо муштарӣ, шарик ё контрагент рад менамояд, ё дастрасии онҳоро ба хизматрасониҳои алоҳидаи бонкӣ маҳдуд менамояд.

5.1.7 дар ҳолатҳои ҷой доштани шубҳаҳои асоснок дар бораи фаъолияти ғайриқонунӣ ё алоқамандии муштарӣ, шарик ё контрагент бо ҚД/МТ/МПСҚО, Бонк муқаррар намудани имуносибатҳои кориро бо муштарӣ, шарик ё контрагент даст мекашад;

5.1.8 Бонк бо бонкҳои ниҳонӣ, инчунин, бо бонкҳое, ки вобаста ба МҚД/МТ/МПСҚО чораҳо намеандешанд, муносибатҳои муросилотӣ муқаррар ва дастгирӣ намекунад. Бонк бо ташкилотҳои молиявии хориҷие, ки ба бонкҳои ниҳоӣ имконият ба истифода аз суратҳисобҳо худ медиҳанд, муносибатҳои муросилотӣ муқаррар ва дастгирӣ наменамояд.

5.1.9 ғайр аз он, Бонк барои радди муқарраркунии муносибатҳои шартномавӣ ва анҷом додани амалиёт бо иштироки ташкилотҳои қарзию молиявии дар кишвар бақайдгирифташуда ва иҷозатдодашаванда, ки онҳо дар он ҳузури ҷисмонӣ надоранд ва онҳо бо ягон гурӯҳи молиявии таҳти назорати самараноки муттаҳидшуда қарордошта алоқаманд нестанд, ҳуқуқ дорад.

5.1.10 Бонк нисбати анҷом додани муомилот бо ташкилоҳои молиявии хориҷӣ, ки ба бонкхои нихонӣ имконияти истифодаи суртахисобҳояшонро фароҳам меорад чораҳо меандешад;

5.1.11 Бонк метавонад барои тафтиши зарурии муштарӣ ба миёнаравҳо ва дигар шахсони сеюм ва ба чораҳои андешидааш такя кунад, агар шартҳо мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи МКД/МТ/МПСҚО ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ бошад. Ҳангоми ҷалби миёнаравҳо ё дигар шахсони сеюм барои санҷиши зарурии муштарӣ, Бонк масъулиятро барои санҷиши зарурии муштарӣ ба дӯш мегирад, инчунин барои ба ҳадди ақал расонидани хавфҳои МКД/МТ/МПСҚО чораҳои зарурӣ меандешад;

5.1.12 Бонк бо муштариёне, ки дар соҳаи истеҳсоли силоҳ, ғанисозии моддаҳои радиоактивӣ бо мақсади истеҳсоли силоҳи ом энергетикаи атомӣ, тиҷорати биткоинҳо ва дигар криптоасъор ва токенҳо, маводи мухаддир, марихуанаи тиббӣ, тухми бангдона/бангдона, моддаҳо ва молҳои ғайриқонунӣ, узвҳои инсон, молҳои қалбакӣ, мундариҷаи иттилоот ва нармафзори дуздӣ, порнография, маълумоти қалбакӣ, мақолаҳои қалбакӣ ѓайра, ташкили лотереяҳои беиҷозатнома, пирамидаҳои молиявӣ, маҳсулоти пинҳонӣ/ѓайрирасмӣ ё ғайриқонунӣ, казино, фаъолиятҳои динии мамнӯъ, адабиёти мамнӯъ фаъолият мебаранд, муносибатҳои корӣ муқаррар наменамояд

5.2 Бонк талаботи муҷозотро нисбати ташкилотҳо ва шахсоне, ки ба Рӯйхати миллӣ ҳамчун шахсони бо маблағгузории терроризм ва ифротгароӣ алоқаманданд, риоя намуда, чораҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи МКД/МТ/МПСҚО амалӣ менамояд.

5.3 Бонк муштариён ва контрагентҳои муштариёнро барои мавҷудияти мувофиқат бо рӯйхати ДММ месанҷад. Дар сурати пайдо кардани мувофиқат, Бонк тибқи талаботҳои қонунгузорӣ амалиётро бозмедорад ва фавран маълумотҳои дахлдорро ба мақомоти ваколатдор пешниҳод менамояд.

5.4 Бонк талаботи таҳримҳоеро, ки ташкилотҳои байналмилалиро тибқи шартномаҳо, аз ҷумла қарорҳои Шӯрои Амнияти СММ муқаррар кардаанд, риоя мекунад.

5.5 Бонк талаботҳои таҳримҳоро нисбати ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ, ки ба рӯйхати UNSC дохил карда шудаанд, риоя мекунад. Бонк муштариён ва контрагентҳои муштариёнро барои мувофиқат бо рӯйхати UNSC тафтиш мекунад. Дар сурати пайдо кардани мувофиқат, Бонк амалиётро бозмедорад ва фавран маълумотҳоро ба ДММ пешниҳод менамояд.

5.6 Бонк дар доираи ичрои талаботи конунгузории Чумхурии Точикистон ва муносибатхо бо бонкхои хоричӣ, талаботи тахримхои иктисодии байналмилалиро, аз чумла санксияхои мукаррарнамудаи OFAC-ро ба рохбари мегирад.

5.7 Бонк сиесати гузаронидани санҷиши васеи муштариён, шарикон ва контрагентҳои дар минтақаи оффшорӣ ба қайд гирифташударо риоя мекунад. Бо ин мақсад, робитаҳои байни ширкати оффшорӣ ва кишвар/минтақаи бақайдгирӣ муайян карда мешаванд. Бонк бо муштариён, шарикон ва контрагентҳои дар минтақаи оффшорӣ ба қайд гирифташуда, ки бо кишвар/минтақаи бақайдгирӣ робитаи тиҷорӣ надоранд, муносибатҳои корӣ барқарор намекунад.

## Боби 6. Риояи таҳримҳо

6.1 Бонк бо маќсади пешгирии оғози ҳамкорӣ ва ё муомилоти яквақта барои муайян намудани шахсони воќеӣ ва ҳуқуқие, ки нисбати онҳо муҷозоти маќоми ваколатдор ва ё ташкилотҳои байналмиллалӣ (СММ, ИА) ќарор дорад, чораҳои зарурӣ меандешад. ) ва ё баъзе кишварҳо (масалан, ИМА - Рӯйхати OFAC/SDN). Ҳангоми ба роҳ мондани муносибатҳои корӣ бо мизоҷон, Бонк инчунин мизоҷон, иштирокчиёни муомилот ва контрагентҳоро барои мувофиқат ба феҳристи FMD, UNSC, EU ва OFAC (SDN List), рӯйхати таҳримҳои Иттиҳоди Аврупо ва дигар кишварҳо тафтиш мекунад. Дар сурати ошкор шудани мувофиқат бо рӯйхатҳо, расмиёти пешбининамудаи санадҳои меъёрии дохилии Бонк амалӣ карда мешавад.

6.2 Бонк нисбат ба корреспондентон, шарикон ва контрагентҳо , тадбирхои мукаммали тафтиши заруриро меандешад, агар нисбати онхо ва сохибони бенефициари онхо, шахсони мансабдор ва шахсони фаръии онхо барои риоя накардани талаботи конунгузори дар сохаи мубориза бар зидди МКД/МТ/МПСҚО чазо дида шуда бошад.

6.3 Бонк ҳуқуқ дорад муносибатҳои тиҷоратиро қатъ кунад ё дастрасӣ ба баъзе маҳсулоти бонкиро маҳдуд кунад, агар маълумоти тасдиқшуда дар бораи иштироки онҳо дар равандҳое, ки барои саркашӣ аз таҳримҳои байналмилалӣ нигаронида шудаанд, мавҷуд бошад.

6.4 OFM барои мониторинги навсозии рӯйхати шахсоне, ки нисбати онҳо таҳримҳои байналмилалӣ татбиқ карда шудаанд, ва инъикоси фаврии онҳо дар АБС Бонк масъул аст.

6.5 Пардохтҳои байналмиллалӣ аз ҷониби муштариён пас аз санҷиши мутобиқати онҳо ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба талаботи муҷозоти байналмилалӣ, қоидаҳои дохилӣ, инчунин дигар талаботҳо аз ҷониби Раёсати хавфҳои комплаенс анҷом дода мешаванд. Раёсати хавфи комплаенс ҳуқуқ дорад пардохтҳои байналмилалиро барои анҷом додани назорати ҳатмии пардохти зикршуда мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи МКД/МТ/МПСҚО, инчунин дигар талаботи дар ҳамин банд зикргардида боздорад. Агар дар руйхатхои санксия иштирокчиёни пардохт мавчуд бошанд, Бонк хукук дорад аз пардохти пардохт даст кашад.

## Боби 7. Масъулият

7.1 Масъулият барои риояи Сиёсати мазкур ба зиммаи ҳамаи кормандони Бонк гузошта мешавад. Ба зиммаи ҳар як корманди Бонк масъулияти муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи МКД/МТ/МПСҚО ва ҳуҷҷатҳои дахлдори дохилии Бонк гузошта мешавад, агар онҳо дар расонидани кӯмак ба муштариён ва ашхоси дигар дар иҷрои амалхое иштирок кунанд, ки ба канорагирӣ аз расмиёти назорати молиявӣ равона шудаанд.

7.2 Масъулият барои назорати умумӣ аз болои фаъолияти Бонк вобаста ба МКД/МТ/МПСҚО ва татбиқи Сиёсати мазкур ба зиммаи Департаменти комплаенс-хавфи Бонк вогузор карда мешавад.

7.3 Корманди масъули Бонк дар самти МКД/МТ/МПСҚО фаъолияти худро мутобиқи Қоидаҳои назорати дохилӣ дар самти МКД/МТ/МПСҚО ва дастурамали мансабӣ амалӣ менамояд.

7.4 Шахси масъул барои татбиқи Сиёсати мазкур ва Қоидаҳои назорати дохилӣ дар самти МКД/МТ/МПСҚО дар филиалҳо/Идораи амалиётӣ, (сохтори масъул дар самти МКД/МТ/МПСҚО) Директори филиал/Сардори Идораи амалиётӣ мебошад.

7.5 Шуъбаи аудити дохилии Бонк ба нақшаи солонаи аудит дар бораи риояи талаботҳои Сиёсати мазкур, қонунҳои дахлдори ҶТ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ дар соҳаи МКД/МТ/МПСҚО ворид менамояд. Шуъбаи аудити дохилӣ аз рӯи натиҷаи санҷиши гузаронидашуда, ба Шӯрои нозирони Бонк тавассути Кумитаи аудит ҳисобот пешниҳод

менамояд.

7.6 Кормандони Бонк дар ҳолати огоҳ кардани муштариён ва шахсони дигар оиди ба мақомоти ваколатдор пешниҳод шудани маълумот роҷеъ ба амалиётҳои гузаронидаи муштариён, мутобиқи қонунгузории ҶТ ва ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк, ҷавобгарӣ доранд.

7.7 Кормандони Бонк бояд огоҳ бошанд, ки пешниҳоди маълумот ва ҳуҷҷатҳо аз ҷониби субъектҳои мониторинги молиявӣ ба мақоми ваколатдор бо мақсад ва тартиби пешбининамудаи Қонуни ҶТ дар бораи МҚД/МТ/МПСҚО ифшои сирри хидматӣ, тиҷорӣ, бонкӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда намебошад.

7.8 Кормандони Бонк бояд донанд, ки дар ҳолати пешниҳоди маълумот ба мақомоти ваколатдор тибқи Қонуни ҶТ дар бораи МҚД/МТ/МПСҚО, субъектҳои мониторинги молиявӣ ва шахсони масъул, новобаста аз натиҷаҳои хабар, тибқи қонунгузории ҶТ ҷавобгар нестанд.

## Боби 7. Муқаррароти хотимавӣ

8.1 Сиёсати мазкур аз ҷониби Шӯрои нозирон бо пешниҳоди Раёсати Бонк тасдиқ карда мешавад.

8.2 Тағйироту иловаҳо ба Сиёсати мазкур танҳо бо қарори ШН ворид карда мешаванд ва аз рӯзи бақайдгирии Пайнавишти маҷлиси ШН мавриди амал қарор мегиранд, агар вақти дигар барои мавриди амал қарор гирифтани тағйироту иловаҳо аз ҷониби ШН пешбинӣ нагардида бошад.

8.3 Сохтори масъул дар самти МҚД/МТ/МПСҚО аз чониби Департаменти комплаенс-хавф мукаррар карда мешавад.

8.4 Мазмуни Сиёсати мазкур ба маълумоти ҳамаи кормандони Бонк бо тартиби муайяннамудаи ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк расонида мешавад.

8.5 Сиёсати мазкур дар ҳолати зарурӣ, вале на камтар аз як маротиба дар ду сол баррасӣ карда мешавад.

8.6 Дар ҳолате, ки дар натиҷаи тағйирёбии қонунгузории амалкунандаи ҶТ ё санадҳои байналмилалӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО бандҳои алоҳидаи Сиёсати мазкур ба талаботҳои нав мухолифат мекунанд, Сиёсати мазкур ба андозае татбиқ карда мешавад, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бо МҚД/МТ/МПСҚО набошад.

Аз рӯзи дар таҳрири нав (таҳрири 08) мавриди амал қарор гирифтани Сиёсати мазкур, таҳрири 07-и ҳуҷҷат, ки аз тарафи Шӯрои Нозирони Бонк (Пайнавишти №05/23 аз 22.02.2023) тасдиқ шудааст, беэътибор дониста шавад.